Ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11)

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Матробов Матроб Хурамович аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ мубрам мебошад. Зеро дар ҷомеа нақши қонун дар танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ созгор мебошад. Инкишофи ҷомеа аз қонунгузории мукаммал ва ҷавобгӯи талаботи замон вобаста аст. Рушди бесобиқаи техника ва технология, рақамикунонии соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои электронии давлатӣ далели ин гуфтаҳост. Чунин навгониҳои замони муосир танзими ҳуқуқии худро тақозо менамоянд.

Дар ин ҷода, таҳқиқоти илмии мазкур як андоза имконият фароҳам меорад, ки проблемаҳои ҷойдоштаи соҳаи қонунгузорӣ муайян кардашуда, баҳри танзим ва бартарафнамоии онҳо чораҳои зарурӣ роҳандозӣ карда шавад.

Мониторинг ин худ як намуди фаъолияте мебошад, ки дар асоси он объекти муайян мавриди таҳлил, санҷиш, назорат қарор додашуда, ҳолат, вазъ ва проблемаҳои он муайян ва баҳри бартарафнамоии онҳо пешниҳодҳо манзур карда мешавад. Дар ин бобат диссертант дуруст иброз менамояд, ки мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти алоҳидаи ҳуқуқӣ буда, бо мақсади пайгирӣ, баҳодиҳӣ ва арзёбии навъҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниву қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиқкуниву ҳуқуқҳифзкунӣ истифода мешавад (саҳ. 11).

Бояд иброз намуд, ки имрӯз дар фазои илми ҳуқуқшиносии кишвар вобаста ба омӯзиши масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як андоза холигӣ ҷой дорад. Ҳоло он ки дар қисме аз давлатҳои пешрафта, гузаронидани мониторинги самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла мониторинги қонунгузорӣ яке аз омилҳои муҳим ва самарабахши рушди ҷомеа დониста мешавад. Барои гузаронидани

дилхоҳ мониторинг ба ғайр аз мақомоти дахлдори давлатӣ, инчунин, муассисаву ташкилотҳои ғайри давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, то ҳатто шаҳрвандони алоҳида фаъолона иштирок менамоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант ҷолиби диққат буда, он ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст. Он барои пур намудани фазои холибудаи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат хоҳад кард.

Аз таҳлили матни автореферат бар меояд, ки муҳаққиқ нуктасанҷонаву мустаъқилона андешаҳои илмии худро пешниҳод намудааст. Омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масъала, таҳқиқи шумораи назарраси асарҳои илмии олимони дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, нуктасанҷии муҳаққиқ имконият фароҳам овардааст, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот иҷро гарданд.

Диссертант масъаларо таҳқиқ намуда, дуруст иброз менамояд, ки тавассути мониторинги қонунгузорӣ такрорёбии меъёрҳо дар санадҳои қонунгузорӣ баратараф, мухолифати байни онҳо ва ҳолатҳои коллизионӣ муайян карда мешаванд (саҳ. 12).

Аз ҷониби муҳаққиқи диссертатсия мафҳуми мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ба таври алоҳида баррасӣ гардида дар ин замина мафҳуми муаллифӣ пешниҳод карда шудааст, ки ҷолиби диққат мебошад. Ҳамчунин, моҳияту вазифаҳои мониторинги қонунгузорӣ ба таври дақиқ баррасӣ гардидааст. Навъҳои мониторинги ҳуқуқӣ муайян карда шудааст (саҳ. 18-19). Принсипҳои мониторинги қонунгузорӣ ба ду гуруҳи асосии : умумӣ ва махсус ҷудо карда шудааст. Инчунин, усулҳо ва воситаҳои амалигардонии мониторинги қонунгузорӣ коркард ва пешниҳод гардидааст, ки онҳо ҷолиби диққати илмӣ мебошанд (саҳ. 20-21). Ба андешаи диссертант механизми мониторинги қонунгузорӣ ба маънои васеъ, ин низоми ташкилию ҳуқуқиест, ки ба таври мунтазам субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ бо мақсади омузиши қонунгузории амалкунанда, омода ва татбиқи пешниҳодҳо оид ба такмили он, ҳамчунин дурнамои қабули қонунҳои нав амалӣ мегардонанд (саҳ. 23).

Инчунин, диссертант дар шакли пурмазмун субъект ва объекти мониторинги қонунгузориро тасниф намуда, бо истифода аз усули муқоисавӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷаро матраҳ намудааст, роҳҳои самарабахши гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст, ки онҳо қобили қабул ва дорои баҳои баланди илмӣ мебошанд (саҳ. 24-27).

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки сохтори он вобаста ба мақсад ва вазифаҳои гузоштащуда мутобиқ мебошад. Мақсад ва вазифаҳо дар чаҳорчӯбаи пайдарҳамии мантиқӣ созмон ёфтааст ва барои ҳалли масъалаҳои муҳимми илмӣ мусоидат менамояд.

Он нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, илман асоснок буда, аз камолоти илмӣ-эҷодии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Новобаста аз дастовардҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ ҷой доранд.

Аз муҳтавои автореферат чунин бар меояд, ки диссертант натавонистааст, ки нақши институтҳои ғайри давлатӣ ва иштироки шаҳрвандони алоҳидаро дар самти мониторинги қонунгузорӣ инъикос намояд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро оид ба масъалаи мазкур диссертант андешаи илмии худро иброз намояд.

Эроди мазкур, ба мазмуни мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонад.

Диссертатсияи Матробов М.Х. дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, муаллифи он, Матробов Матроб Хурамович арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Сардори факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода А.М.

Ихтисос: 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Имзои «Мансурзода А.М.»-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3,
тел: +992 (37) 226-60-42, . Моб.: +992 918 40-07-11 Суроғаи электронӣ: www.avkd.tj; E-mail: tam300986@mail.ru

17.02.2026